# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 24 ноябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Роҳбари илмӣ – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Маҳмад Забир) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Исмоилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Мирзоев Парвиз Исроилович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, академик Маҳмудзода М.А., профессорон Золотухин А.В., Тағойназаров Ш.Т., Муртазозода Ҷ.С., Ғайюров Ш.К.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор),

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти унвонҷӯй пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Шарифов Исмоил Муҳибуллоевичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**